## ТАҚРИЗИ

**роҳбари илмӣ ба таҳқиқи диссертатсионии Раънои Камолидин дар мавзуи «Вижагиҳои лингвофарҳангии лексикаи лаҳзаҳои шабонарӯзӣ дар забонҳои тоҷикӣ ва англисӣ (дар мисоли «Шоҳнома»-и Абулқосим Фирдавсӣ ва тарҷумаҳои он)» барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои филологӣ аз рӯйи ихтисоси 6.2.14 – Забоншиносии типологӣ ва муқобилавӣ пешниҳод шудааст**

Мубрамии мавзуи таҳқиқи диссертатсионӣ дар он зоҳир мегардад, ки омӯзиши ҷанбаҳои лингвофарҳангии лексикаи марбут ба лаҳзаҳои шабонарӯзӣ ҳамчун яке аз самтҳои муҳими забоншиносии муосир имкон медиҳад, ки хусусиятҳои миллӣ-фарҳангӣ ва тасвири забонии ҷаҳон дар забонҳои гуногун амиқтар муайян карда шаванд. Таҳқиқи муқоисавии чунин воҳидҳои луғавӣ дар забонҳои тоҷикӣ ва англисӣ, махсусан дар мисоли «Шоҳнома»-и Абулқосим Фирдавсӣ ва тарҷумаҳои он, дар забоншиносии муқоисавии тоҷик аз масъалаҳои камомӯхташуда ба шумор рафта, аҳаммияти назариявӣ ва амалӣ дорад.

Раънои Камолидин соли 2007 ба Донишкадаи давлатии забонҳои Тоҷикистон ба номи Сотим Улуғзода (ҳоло Донишгоҳи байналмилалии забонҳои хориҷии Тоҷикистон ба номи Сотим Улуғзода) дохил шуда, онро соли 2012 бо ихтисоси тарҷумони забони англисӣ хатм намудааст.

Фаъолияти кориашро соли 2012 дар Муассисаи давлатии таълимии “Коллеҷи омӯзгории шаҳри Ҳисор” ба ҳайси омӯзгори фанни забони англисӣ оғоз намудааст. Номбурда дар муассисаи мазкур тули 13 сол дар вазифаҳои гуногун, аз қабили эдвайзер (аз соли 2013 то 2019), сардори маркази тестӣ ва бақайдгирӣ (аз соли 2019 то 2020) ва муовини директор оид ба корҳои таълим (аз соли 2020 то моҳи августи соли 2025) фаъолият намудааст.

Аз 1 сентябри соли 2025 инҷониб дар Муассисаи давлатии таълимии “Коллеҷи тиббии шаҳри Ҳисор” ба ҳайси мутахассиси пешбари шуъбаи таълим ва омӯзгори фанни забони англисӣ фаъолият дорад.

Кори диссертатсионии Раънои Камолидин аз муқаддима, 3 боб, хулоса ва рӯйхати адабиёти истифодашуда иборат мебошад.

Дар муқаддима мубрамии мавзуи таҳқиқи диссертатсионӣ асоснок карда шуда, дараҷаи омӯзиши масъалаи илмӣ арзёбӣ гардида, объект ва мавзуи таҳқиқ, ҳадаф ва вазифаҳои он, асосҳои назарӣ ва методологӣ, навгониҳои илмӣ, аҳаммияти назариявӣ ва амалӣ муайян карда шудаанд.

Дар боби якум «Асосҳои назариявии таҳқиқи мавзуъ: назария ва пажӯҳиши лексикаи гоҳҳои шабонарӯзӣ дар забоншиносии муосир» масъалаҳои назариявии марбут ба мафҳуми вақт, тасвири забонии ҷаҳон ва ҷойгоҳи лаҳзаҳои шабонарӯзӣ дар фарҳанг ва забон баррасӣ гардида,

андешаҳои муҳаққиқони ватаниву хориҷӣ таҳлил шудаанд. Ҳамчунин, дар ин боб асосҳои назариявии таҳқиқоти лингвофарҳангӣ ва муқоисавӣ ба таври муфассал шарҳ дода шудаанд.

Дар боби дуюм «Таҳлили лингвофарҳангии лексикаи лаҳзаҳои шабонарӯзӣ дар забонҳои тоҷикӣ ва англисӣ» хусусиятҳои маъноӣ, фарҳангӣ ва вижагиҳои тасвири забонии воҳидҳои луғавии марбут ба лаҳзаҳои шабонарӯзӣ дар ду забон мавриди таҳқиқ қарор гирифта, омилҳои таърихию фарҳангии ташаккули онҳо муайян карда шудаанд. Ҳамчунин, омилҳои таърихию фарҳангие, ки ба ташаккули чунин лексика таъсир расонидаанд, мавриди баррасӣ қарор гирифтаанд.

Дар боби сеюм «Вижагиҳои муқоисаи лингвофарҳангии лаҳзаҳои шабонарӯзӣ дар мисоли «Шоҳнома»-и Абулқосим Фирдавсӣ ва тарҷумаҳои он» масъалаҳои интиқоли маъно, хусусиятҳои услубӣ ва роҳҳои тарҷумаи воҳидҳои марбут ба лаҳзаҳои шабонарӯзӣ таҳлил гардида, монандиҳо ва тафовутҳои тарҷумаҳо муайян карда шудаанд. Таҳлили муқоисавии тарҷумаҳо аз диди забоншиносӣ ва тарҷумашиносӣ арзиши баланди илмӣ дорад.

Бояд таъкид кард, ки муаллиф дар ҷараёни таҳқиқ аз сарчашмаҳои муътамади илмӣ ва маводи бойи забонӣ, аз ҷумла матни «Шоҳнома» ва тарҷумаҳои англисии он, ба таври васеъ истифода бурдааст, ки ин ба эътимоднокии натиҷаҳои таҳқиқот мусоидат менамояд.

Дар хулоса ва пешниҳодҳо натиҷаҳои асосии таҳқиқи илмӣ ҷамъбаст гардидаанд.

Нуктаҳои илмӣ ва натиҷаҳои диссертатсия илман асоснок буда, бо далелҳои муътамади назариявӣ-методӣ ва таҳлилӣ мустаҳкам карда шудаанд. Муҳтавои асосии диссертатсия дар 8 мақолаи илмӣ, аз ҷумла 3 мақола дар маҷаллаҳои тақризшавандаи КОА назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ва баромадҳои муаллиф дар конференсияҳои илмии ҷумҳуриявӣ ва байналмилалӣ инъикос ёфтаанд.

Автореферати диссертатсия тибқи талаботи мавҷуда таҳия гардида, муҳтавои асосии таҳқиқотро инъикос менамояд. Муҳтавои диссертатсия ба шиносномаи ихтисоси 6.2.14 – Забоншиносии типологӣ ва муқобилавӣ мувофиқат менамояд.

Хулоса, диссертатсияи Раънои Камолидин дар мавзуи «Вижагиҳои лингвофарҳангии лексикаи лаҳзаҳои шабонарӯзӣ дар забонҳои тоҷикӣ ва англисӣ (дар мисоли «Шоҳнома»-и Абулқосим Фирдавсӣ ва тарҷумаҳои он)» ба талаботи Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ (Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 июни соли 2021, №267) ва

Дастурамал оид ба тартиби барасмиятдарории диссертатсия ва автореферати диссертатсия (қарори Раёсати Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 31 марти соли 2021, №3) ҷавобгӯ буда, барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои филологӣ аз рӯйи ихтисоси 6.2.14 – Забоншиносии типологӣ ва муқобилавӣ сазовор мебошад.

**Роҳбари илмӣ:**
доктори илмҳои филологӣ, дотсент,
вакили Маҷлиси намояндагони
Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон Матробиён Саодатшо Қосимзода

17-уми феврали соли 2026

Суроға: 734019, ш. Душанбе, хиёбони Рӯдакӣ, 42
Тел: (+992) 93 508 71 38
E-mail: s.matrobov@mail.ru

Имзои С.Қ. Матробиёнро тасдиқ мекунам:
мудири шуъбаи кадрҳо ва коргузории махсуси
Дастгоҳи Маҷлиси намояндагони
Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон Сафарзода Файзалӣ Сафар

Суроға: 734019, ш. Душанбе, хиёбони Рӯдакӣ, 42
Тел: 2213307
E-mail: kadr.parlament.@mail.ru

17-уми феврали соли 2026